# РӮЗИ ОМӮЗГОР ВА ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ҲУМОЮН БОД!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 9 (189) 5-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2023, ПАНҶШАНБЕ



Забони тоҷикӣ дар тули асрҳои зиёд ба сифати омили ваҳдатсозу муттаҳидкунанда хизмат карда, имрӯз низ ба мардуми мо барои таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва пешрафту ободии Ватани аҷдодӣ илҳому неру мебахшад.

Забони тоҷикӣ баёнгари тамоми арзишҳои бузурги маънавии халқи мо буда, тамаддун ва фарҳанги куҳанбунёд, ки мо бо онҳо ифтихор мекунем, то ба имрӯз маҳз ба воситаи забони модариамон ҳифз гардидааст; бо он забони латифу нафисе, ки матнҳои беш аз ҳазору дусад сол қабл навиштшудаашро мехонему мефаҳмем; бо он забоне, ки садҳову ҳазорҳо бузургони суханвари ин марзу бум эҷод кардаанд ва осори ҷовидонаи худро ба имрӯзиён мерос гузоштаанд.

Ҳар як шаҳрванди кишвар, махсусан, наврасону ҷавонон бояд сатҳи забондонӣ ва маданияти нутқи худро пайваста баланд бардошта, барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони ширини модарӣ ва риояи меъёрҳои забони адабӣ кӯшиш намоянд.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН — с. 2

РӮЗИ ОМӮЗГОР ФАРХУНДА БОД! — с. 3

САФАРИ ОМӮЗГОРОНИ ФАКУЛТЕТ БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН — с. 4

ДАСТУ ДУОИ МОДАР! — с. 5

ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ – РАМЗИ БАҚОИ МИЛЛАТ ВА САРВАТИ БЕБАҲОИ ФАРҲАНГӢ — с. 6

ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БА ҶАҲОНИ МУОСИР — с. 7

ЗАБОНИ МИЛЛАТ – ҲАСТИИ МИЛЛАТ — с. 8

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД
МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.** муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН

Санаи 28 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар Вохӯрии сарони давлатҳои “Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Федеративии Олмон” ба Ҷумҳурии Федеративии Олмон сафар карданд.

Санаи 29 сентябр бошад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Берлин дар Вохӯрии якуми сарони давлатҳои “Осиёи Марказӣ ва Олмон” иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар вохӯрӣ сарони давлатҳо самтҳои минбаъдаи ҳамкориҳои судмандро мавриди муҳокима қарор доданд.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои мулоқоти имрӯза ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо мусоидат хоҳанд кард. Ҳамчунин, Сарвари давлат иброз доштанд, ки Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа барои амиқтар кардани ҳамкориҳои минтақавӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, аз ҷумла обу энергетика, саноат нақлиёту коммуникатсия ва ғайра саъю кӯшиши муштарак доранд. Пешвои миллат дар ин зимн рушди ҳамкорӣ дар соҳаи “иқтисоди сабз”, рақамикунонӣ ва инноватсияро амри муҳим шумурданд.

Дар анҷоми вохӯрӣ Эъломияи муштараки Сарони давлатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон қабул гардид.

30 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди анҷоми сафари корӣ дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз шаҳри Берлин ба Ватан баргаштанд.

# РАСОНИДАНИ ЁРИИ ҲУҚУҚИИ РОЙГОН МАҚСАДИ МОСТ

Клиникаи ҳуқуқӣ дар назди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 30 январи соли 2023 таъсис дода шудааст. Клиника фаъолияти худро дар асоси Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналҳалқие, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст ба амал мебарорад.

Дар баробари мақсадҳои таълимии клиника, инчунин, мақсадҳои иҷтимоии он ба тариқи зайл муайян гардидааст:

- расонидани ёрии ҳуқуқии касбӣ ба шаҳрвандони камбизоат;
- сохтани барномаҳои маълумотдиҳанда барои оилаҳои камбизоат;
- баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ;
- расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, махсусан мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра.






Дар клиникаи ҳуқуқӣ устодон ва донишҷӯёни фаъоли факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун машваратчӣ ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон эҳтиёҷ доранд, кумаки ҳуқуқӣ мерасонанд.

Дар клиникаи ҳуқуқӣ шароит муҳайё шудааст, ки шаҳрвандони эҳтиёҷманд метавонад дар шакли ҳузурӣ ва фосилавӣ (тариқи телефон) машварати ҳуқуқӣ гиранд.

Шаҳрвандоне, ки ба ёрии ҳуқуқии ройгон эҳтиёҷ доранд, метавонанд ба Клиникаи ҳуқуқии назди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

# ФАЪОЛИЯТИ БОСАМАРИ ШУРОИ ЗАНОНУ БОНУВОНИ ФАКУЛТЕТ

Санаи 23 сентябри соли 2023 тибқи нақша-чорабиниҳои бахши кор бо занон ва духтарони ДМТ, ҷаласаи навбатии Шурои занону бонувон бо донишҷӯдухтарони факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласаи мазкур намояндагони раёсати донишгоҳ, раиси Шурои занону бонувони факултет н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н. иштирок доштанд. Мақсади асосии баргузор намудани ҷаласаи мазкур ба саъми донишҷӯдухтарон расонидани талаботҳои Қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ, риояи Дастурамали либосҳои тавсиявӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо дар донишгоҳ, пешгирӣ аз пайравӣ ба фарҳанги бегона ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии онҳо оид ба






фаъолияти ғайриқонунии ҳизбу ҳаркатҳои экстремистию террористӣ ба ҳисоб меравад.



# ДАСТОВАРДИ НАВБАТИИ ДАСТАИ ОЛИМПӢ





Ҳамасола, 27-уми сентябр ҳамчун «Рӯзи умумиҷаҳонии сайеҳӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Факултети молиявию иқтисодии ДМТ дар якҷоягӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ озмунро зери унвони “Беҳтарин донандаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи сайёҳӣ” баргузор намуд.

Дар озмуни мазкур аъзои дастаи олимпии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд. Аз ҷумла, Саидшозод Шукрулло - донишҷӯи соли 2 факултет сазовори ҷойи 2 ва Юнусзода Муҳаммадҷон - донишҷӯи соли 2 сазовори ҷойи 3 гардида, бо ифтихорнома ва тухфаҳои хотиравӣ аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ва Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ сарфароз гардонида шуданд.

**Таҳияи**
**Миралӣ ЭМОМАЛӢ**

## РӮЗИ ОМӮЗГОР ФАРХУНДА БОД!



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таълиму тарбияи насли наврас эътибори аввалиндараҷа дода, барои пешрафти мактабу маориф ва тайёр намудани мутахассисони соҳиби донишу малакаи баланди касбӣ ҳамаҷониба мусоидат менамоянд. Аз ҳамин нигоҳ, вуҷуди устод, муаллим ва омӯзгор, ки машъали илму донишро дар пайкари зиндагӣ фурӯзон менамояд, болотар аз пиндор ва дурахшонтар аз таҷаллии хуршед аст.

Шахсияти омӯзгор намунаи баланди одамият ва таҷассуми фазилатҳои писандида эътироф шуда, тавозуъ ва хоксориаш нишони арҷмандӣ, сарбаландӣ ва забардастии ӯст. Ранҷу машаққат ва заҳмату шабзиндадориҳое, ки омӯзгор барои тарбияи насли шоиста таҳаммул мекунад, сарчашмаи файзбахши зиндагист, ки қалби шогирдонро ҳар лаҳза шодоб месозад.

Касби омӯзгорӣ муқаддастарин пеша ва асоси ободии ҷомеа буда, маҳз ӯ ба инсон зиндагӣ кардан, дӯст доштан, эҳёгарӣ, эҷодкорӣ ва шинохти оламу одамро меомӯзад.

Бо камоли эҳтиром ва самимияти бепоён садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шуморо ба муносибати Рӯзи омӯзгор самимона табрик намуда, ба Шумо дар таълиму тарбияи насли наврас дастоварду комёбиҳои беназирро таманно менамояд.

**Декани факултети ҳуқуқшиносӣ, д.и.ҳ., профессор МИРЗОЗОДА П.З.**

# ҲИФЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН МУҚАДДАСОТИ ОЛӢ

Забони модарӣ сарчашмаи ифтихори миллат ва пояи устувори давлатдорист. Забони модарӣ як рукни асосии давлатдорӣ буда, аз гузаштаҳои миллати тоҷик ба мо мерос мондааст. Ҳар як соҳибзабон вазифадор аст, ки баҳри поку беолоиш нигоҳ доштан, ба наслҳои оянда расонидани забони давлатӣ саҳмгузор бошад.

Аз ин рӯ, мардуми бонангу номуси тоҷик ба хотири ҳифз ва гиромидошти забони давлатӣ тавассути раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи ҶТ қабул гардида, мавқеи забони давлатӣ ва кафолати ҳифзи он дар моддаи 2 он пешбинӣ шуд.

Аз ин рӯ, бо ибтикори Пешвои миллат бо мақсади ҳифз ва гиромидошти забони давлатӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ» аз 5 октябри соли 2009, №553 қабул гардидааст. Баъди қабул гардидани Қонуни мазкур дар партави сиёсати давлат ва Ҳукумати ҶТ забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ дар мақоми забони сиёсат, илму маориф, фарҳанг, қонунгузорӣ ва равобити дипломатӣ қарор гирифта, ҳамчун рамзи ҳамбастагӣ ва нишони ҳамдилии тамоми миллати тоҷик шинохта шудааст.

Баҳри таъмини назорати риояи талаботи Қонуни мазкур дар ҷумҳурӣ Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 октябри соли 2009 таъсис ёфт, ки вазифаи асосии он пешбурди сиёсати давлат дар соҳаи забон маҳсуб меёбад.

Пешвои миллат дар яке аз баромадҳояшон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ таъкид намудаанд, ки забон хишти аввалини кохи миллат аст. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллат аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад.

Мутаассифона, баъзе аз шаҳрвандон, соҳибкорон талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатиро сарфи назар намуда, бетарафӣ зоҳир менамоянд. Далели андешаҳо он аст, ки онҳо истилоҳоти соҳавиро ғалат истифода бурда, меъёри забони адабиро дар оила, ҷойҳои ҷамъиятӣ риоя намекунанд, ҳамчунин, дидаву дониста номгузории ташкилоту муассисаҳо, марказҳои савдо, эълону реклама, тамғаҳои молӣ ва хизматрасониро ба забонҳои хориҷӣ ба амал бароварда, дар баъзе ҳолатҳо бошад, забони давлатиро дар ҷойи дуюм қарор медиҳанд, инчунин, масъалаҳои иқтисодӣ ва соҳибкориро аз забони давлатӣ, яъне аз муқаддасоти олӣ боло медонанд, ки чунин муносибати онҳо ба забони давлатӣ хатар оварда, минбаъд, дар идоракунии давлатӣ оид ба таҳияи қонунгузории миллӣ ва давлати миллӣ мушкилоти зиёд ба вуҷуд меояд.

Бинобар ин, барои аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта ҷиҳати таъмини назорати талаботи Қонуни мазкур ва ҳимояи забони давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» аз 28 ноябри соли 2022, №647 қабул гардидааст, ки Кумита назорати рушди сиёсати забони давлатиро дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. Дар асоси Нақшаи амалисозии Барномаи мазкур ҳифзи муқаддасоти олӣ дар идоракунии давлатӣ таъмин карда мешавад.

Аз ин рӯ, ҳифзи забони давлатӣ ва гиромидошти он вазифаи имонию виҷдонии ҳар як соҳибватан маҳсуб ёфта, ҷиҳати поку беолоиш нигоҳ доштани забони давлатӣ ва ба наслҳои оянда расонидани он саҳми ҳар як хештаншинос зарур аст.



**Шодмон МАНСУРӢ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**




# БЕ МУАЛЛИМ ТОЛИБЕ БОФАЗЛУ СОҲИБХАТ НАШУД...

*5-уми октябр Рузи ҷаҳонии муаллим аст. Бино бар тасмими ЮНЕСКО, аз соли 1994 шуруъ карда, ҳамасола дар ин рӯз омӯзгорони саросари ҷаҳон рӯзи касбии худро таҷлил мекунанд.*



**Пайрав АБДУРАҲИМЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Омӯзгор ё муаллим тарбиятгари наслҳои гузаштаву имрӯза ва оянда мебошад, ки бо кӯшишҳо ва машаққатҳои шабонарӯзиаш мо ба роҳи дурусти ҳаёт қадамҳои нахустини худро гузошта соҳиби илм, дониш, тарбия ва одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мегардем.

**Ҳайфи оне к-ӯ зи ёдаш**
**хидмати устод бурд,**
**Бе муаллим толибе**
**бофазлу соҳибхат нашуд.**

Соли дуюм аст, ки мо дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳсил мекунем. Дар ин муддат, устодони бузургу донишманде ба мо дарс гуфтаанд, ки мо аз онҳо нозукиҳои фаннҳои тахассусӣ ва дарси матонатро омӯхтаем. Устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар иҷрои фаъолияти худ бениҳоят ҷиддӣ ва сахтгир буда, пайваста талош меварзанд то тамоми нозукиҳои фанни таълимиашонро ба мо донишҷӯён омӯзонанд. Чунки ҳуқуқшинос ва табиб ҳуқуқи маънавии иштибоҳ карданро надоранд.

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ зиёда аз 170 омӯзгор кору фаъолият менамоянд, ки ҳадафи ҳар кадоме аз ин устодон тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва пажӯҳиши илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Мо ифтихор аз он дорем, ки академикон, профессорон, устодони соҳа, муҳаққиқон ва чандин устодони соҳибмалака ба мо дарс мегӯянд. Воқеан ҳам, нақши устодон дар самти тарбияи насли наврас, пешгирӣ ва шомил нашудан ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, даст назадан ба омилҳои коррупсионӣ ва раҳнамо сохтани ҷавонон барои нигоҳдошти сулҳу субот ва амнияти дастаҷамъӣ басо бузург аст.




Бо камоли эҳтиром тамоми устодони мушфиқу меҳрубони Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ҷашни касбиашон табрик гуфта, ба эшон тандурустӣ, умри дароз ва дар ҷодаи пурмашаққати хеш барору комёбҳо орзумандам.

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ



Таърихи 30-уми октябри соли 2023 дар бинои ТСО-и шаҳраки донишҷӯён вохӯрии ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. бо ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ сурат гирифт. Дар оғози сухани худ ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Хушвахтзода Қ.Х. ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносиро ба муносибати Рӯзи омӯзор табрику шодбош намуда, ба ҳар як иштирокчӣ саломативу сарбаландӣ ва муваффақияту комёбӣ бахри иҷрои софдилонаву содиқонаи масъулияти касбиву илмӣ ба хотири пешрафти Тоҷикистони азиз орзу намуданд.

Ректори донишгоҳ бо қаноатмандӣ иброз намуданд, ки факултети ҳуқуқшиносӣ дар масири фаъолияти пурсамари худ тавонист мутахассисони соҳибтаҷрибаро омода намояд, ки онҳо имрӯз дар вазифаҳои масъулиятноки давлатӣ содиқона ба нафъи давлату миллати тоҷик хизмат намуда истодаанд. Инчунин, ҳайати устодону кормандони факултет сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи фаъолияти кории худ карда, ҳамеша дар талоши амалӣ намудани ҳадафҳои пешбининамудаи давлату Ҳукумати кишвар мебошанд.

Сипас, профессор Хушвахтзода Қ.Х. ҷараёни фаъолияти факултетро дар самтҳои таълиму тарбия, илм, робитаҳои



байналмилалӣ ва хоҷагидорӣ мавриди баррасии амиқ қарор дода, иброз намуданд, ки дар баробари муваффақиятҳои шоён, ҳамзамон, баъзе камбудиҳое ҷой доранд, ки ҳалли онҳо тадбирҳои саривақтиро тақозо менамоянд. Махсусан, дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбия, чопи рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои илмӣ дар хориҷи кишвар, иштирок дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ва тақвият додани ҳамкориҳо бо донишгоҳу донишкадаҳои хориҷи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки бояд ба онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Баъдан, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. баромад намуда, иқдоми пешгирифтаи ректори донишгоҳро шоёни таҳсин хондfestival



данд ва иброз намуданд, ки факултети ҳуқуқшиносӣ чун кохи боҳашами илму маърифат минбаъд низ масъулияти худро дар самти омода намудани мутахассисони баландихтисоси касбӣ ва содиқ ба халқу миллат бо сарбаландӣ анҷом дода, сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллатро ҳамаҷониба дар амал татбиқ менамоянд. Дар фарҷоми вохӯрӣ аз ҷониби раёсати Донишгоҳ ба муносибати 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба устодони соҳибмактаби факултет ифтихорномаҳо тақдим гардид.



# САФАРИ ОМӮЗГОРОНИ ФАКУЛТЕТ БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

Таърихи 11-ум то 15-уми сентябри соли 2023 дар шаҳри Шанхайи Ҷумҳурии мардумии Чин "Форум оид ба омодасозии мутахассисони баландихтисоси сатҳи байналмилалӣ ва ҷамъомади намояндагони донишгоҳҳои ҳуқуқшиносии кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай" баргузор гардид, ки дар кори он декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З., муовини декан оид ба таълим, дотсент Қурбонов Қ.Б., мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, дотсент Саъдизода Ҷ. ва ассистенти кафедраи мазкур Бобозода У.Э. иштирок намуданд.

Санаи 11-уми сентябри соли 2023 вохӯрии дуҷонибаи омӯзгорони факултет бо намояндагони Донишгоҳи сиёсат ва ҳуқуқшиносии Шанхай сурат гирифт. Зимни вохӯрӣ масъалаи тавсеаи ҳамкорӣ дар самтҳои омодасозии кадрҳои ҳуқуқшинос, ҳуқуқшиносони сатҳи байналмилалӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, навиштани китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, ташкили маҷаллаҳои илмии сатҳи байналмилалӣ (Scopus, Web of Science), конференсияҳои илмию амалӣ, ҳимояи рисолаҳои илмӣ ва дигар паҳлуҳои робитаҳои илмӣ ва таълимӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Санаи 12-уми сентябри соли 2023 бошад, дар толорои калони Донишгоҳи сиёсат ва ҳуқуқшиносии Шанхай "Форум оид ба омодасозии мутахассисони баландихтисоси сатҳи байналмилалӣ ва ҷамъомади намояндагони донишгоҳҳои ҳуқуқшиносии кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай" баргузор гардид, ки дар кори он декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. дар мавзуи "Нақши Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар омодасозии








ҳуқуқшиносони баландихтисоси сатҳи байналмилалӣ" бо маъруза баромад намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар Форуми мазкур роҳбарон ва намояндагони донишгоҳҳои ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Фаронса, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва дигар кишварҳо иштирок ва суханронӣ намуданд.

**Масъули саҳифа**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**

# ДАСТИ ДУОИ МОДАР!

*Модар гаҳвораву оламро бо ҳам мепайвандад, рисолати пурзаҳмати парвариши наслҳоро ба дӯш кашида, бо сиришту замири покаш барои ҳастии фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Модар азизтарин вуҷуди рӯйи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарму дилнавози ӯ оғоз мегирад. Бузургони олам зан-модарро васфу ситоиши фаровон намудаву ӯро кониуни пурнури хонавода, меҳвари меҳр, сафири ишқ ва намунаи муҳаббату дӯстӣ, намоёнгари покӣ ва чашмаи бахшиш унвон додаанд.

Бемуҳобо, модар баъд аз Офаридгор ҳаётбахши инсон аст ва низ бо дуои ҷонбахшояш ҳамеша раҳи мақсуди фарзандонро мунаввар месозад.

Ҳамин аст, ки ризоияти Худованд дар ризоияти падару модар ва хашми ӯ дар хашми онҳост. Пас, хушбахтарин фарзанд ҳамонест, ки пайваста дар талоши гирифтани дуои неки волидон бошад ва дар ҳеҷ ҳолате аз хидмат ба онҳо сарпечӣ накунад.

Воқеан модар муъҷизаи поки илоҳист, ки тору пудаш аз навозишу меҳрубонӣ офаридаанд ва ҳама модарони дунё ба фарзандон накӯиву хушбахтӣ меҳоҳанд.

Таърихи иҷтимоияти инсонӣ, ки бо он тавассути адабиёту фарҳанг



ошноӣ пайдо кардаем, гувоҳи он аст, ки аз дидорбиниву меҳмониҳои фаровон арзиши одамӣ мекоҳад, вале аз дидори пайвастаи падару модар ҳеҷ як нафаре дилтанг намешавад, зеро ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ наметавонед муҳаббатеро бехтар, хубтар ва воқеитар аз муҳаббати модари худ ёбед. (О.Д. Балзак)

**Якшаба он ранҷ, ки модар кашид,**
**Бо ду ҷаҳонаш нататавон баркашид.**
**«Дар ду ҷаҳон он надиҳад рӯи хуш»,**
**Теғаи нигаҳ ҳар ки ба рӯяш кашид.**

Ба қавли устод Лоиқ канори модар хуш биҳиштест ва хоб дар зонуи модар ғанимат! Модар дар ҳама ҳолат чи ҳозиру чи дар ғоиб пайваста дар ёди фарзанд аст. Аз оромиву сиҳатӣ ва хушбахтии фарзандон мебошаду ба онҳо дуои некро арзонӣ медорад! Пас моро зарур аст, ки ба иззату икроми ин ганҷи бебаҳо расида бошем. Зеро бузургиву шаҳомати модарро ба инобати гирифта ӯро дар радифи Ватан қимматуи арзишманд медонанд. Зиҳӣ, модар, бо чунин қудрату матонат, эҳсону ҷасорат ва меҳру садоқати беканор!

Ба андешаи банда, гумони ғолиб аз таъсис додани чунин як озмун аз ҷониби аҳли эҷоди рӯзномаи "Ҷумҳурият" бобати пешниҳоди нигоштаҳои беҳтарин таҳти унвони "Дасти дуои модар" иборат аз он аст, ки наслҳои имрӯзу фардо пеши бузургии модар сар фуруд биёранд ва чунин рафтори накӯ ба кор баранд, ки боз аз фарзандони худ интизор доранд. Мо, ҳама фарзандони модар, аз ин иқдом ҷонибдорӣ мекунем ва хоҳони он ҳастем, ки довталабони ин озмуни модарсарой давра ба давра зиёдтар шаванд.

**Аё модар бимирам дар нафасҳот,**
**Ки дунё бо дуоҳои ту боқист,**
**Намирад ҳеҷ одам зи офат,**
**Дар ин дунё чу дунёи ту боқист!**



**Дилшод РАҲМОН**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, профессор**

# ҶАШНИ ШАХСИЯТҲОИ ОЯНДАСОЗИ МИЛЛАТ

*Ниёгони мо доир ба заҳматҳо ва нақши омӯзгор дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон чунин ибрози андеша намудаанд: Тарбия чист? Хок зар кардан, Қатраи обро гуҳар кардан.*

Омӯзгорон дар ҳақиқат шахсони наҷибе ҳастанд, ки ҳаёти худро барои ташаккули тафаккур, омӯхтани ахлоқи ҳамида ва фарди худогоҳу хештаншинос ба воя расидани ҷавонону наврасон мебахшанд. Онҳо дар ташаккули ҷамъият нақши муҳим бозида, ба шогирдонашон дар инкишоф додани дониш, маҳорат ва истеъдоди онҳо ёрӣ мерасонанд.

Яке аз ҷанбаҳое, ки бевосита касби омӯзгориро тасвир мекунад, ин қудрати тағйир додани афкор ва зиндагии шогирдонашон аст. Онҳо қобилияти илҳом бахшидан ва бедор кардани муҳаббат ба донишомӯзиро доранд. Маҳз тавассути роҳнамоӣ ва дастгирии пайвастаи омӯзгорон муҳите ба вуҷуд меояд, ки донишҷӯён барои омӯхтани мафҳумҳо ва ғояҳои нав ҳавасманд мегарданд.

Илова бар ин, имрӯзҳо омӯзгорон имкон доранд, ки омӯзишро ҷолиб ва шавқовар гузаронанд. Бо ворид кардани усулҳои инноватсионии таълим, онҳо метавонанд диққати донишҷӯёнро ба донишомӯзӣ бештар ҷалб кунанд ва ҳатто мавзуъҳои душвортаринро



**Шукрона МИРЗОЕВА**
**донишҷӯи соли 3**

дастрас ва ҷолиб гардонанд.

Ғайр аз таълим додан ба насли ҷавон, омӯзгорони арҷманд ҳамчун мураббӣ ва намунаи ибрат хидмат мекунанд, дарси арзишманди ҳаётро меомӯзонанд ва ба донишҷӯён дар ҳалли мушкилот кумак мекунанд.

Муносибати байни омӯзгорони асил ва донишҷӯён ончунон амиқ мешавад, ки омӯзгорон бевосита дар рушди шахсият ва касбияти донишҷӯ таъсири мусбат мерасонанд.

*Омӯзгори асилро маҳз бо он мешиносанд, ки ба касби пуршарафи худ содиқ аст. Барои имрӯзу фардои Ватану миллат ва шогирдони худ масъулият эҳсос мекунад.*

Ҳурмату эҳтироми устодон, гирифтани панду дуои неки эшон ва ҷавобан ба талошҳои онҳо сазовори чунин омӯзгорони барӯманд будан қарзи ҳар як фарди хештаншиносу худогоҳи тоҷик аст.




# БЕ МУАЛЛИМ

**Бе муаллим босафо кошонаи миллат нашуд,**
**Бе муаллим равнақе дар ҷодаи санъат нашуд.**
**Ҳайфи оне к-ӯ зи ёдаш хидмати устод бурд,**
**Бе муаллим толибе бофазлу соҳибхат нашуд.**
**Рӯзгоре бо ҷаҳолат меситезад, бингарӣ,**
**Лаҳзае дар зиндагонӣ фориғ аз заҳмат нашуд.**
**Доимо дар хидмати халқу Ватан омӯзгор,**
**Лек боре дар суроғи гӯшаи узлат нашуд.**
**З-он ки бахшад донишу ақлу ҳунар бар дигарон,**
**Чун муаллим дар ҷаҳон кас соҳиби ҳиммат нашуд.**
**Хостам, байти таре дар васфи эшон офарам,**
**Оҷизам, к-ин байтҳоям лоиқи хидмат нашуд.**

**С. ҚОДИРӢ**

# ОМӮЗГОР

**Эй сазовори ситоиш,**
**Эй сазовори ниёиш.**
**Гар ҳама ҳарфи накӯе, ки башар андар забони хеш дорад,**
**Дар сифоти ту бигӯям, ин кам аст.**
**Гар ҳама меҳре, ки одам дар дилу дар дида дорад,**
**Армуғон орам бароят, ин кам аст.**
**Чашмаи оби бақо дар синаи туст,**
**Офтоби пурзиё дар дидаи туст.**
**Кишти фарҳангу ҳунар аз заҳматат минои бошад,**
**Оини ту некиву хушбахтиву зебоӣ бошад.**
**Ту кашоварзӣ ба маънии дигар,**
**Ту кашоварзӣ, ки дар марзи дили ҳар кӯдаке**
**Тухми некиву ҳақиқатро бикорӣ,**
**Киштаҳоро дар баҳои ҷони худ сарсаб дорӣ.**
**Ту кашоварзӣ, равонро рӯзӣ бахшӣ,**
**Ақлҳоро ҳикмати худҷӯӣ бахшӣ…**
**Ҳамшабеҳи ту дигар дар рӯйи дунё нест, нест,**
**Ҳамҷу ту санъатваре, ки буд воло нест, нест.**
**Ҳар қадар, ки ганҷи донишро ба тифлон додаӣ,**
**Боз ҳам доро бимонӣ,**
**Ҷовидонӣ, ҷовидонӣ.**
**Шаҳсутуни кохи миллат,**
**Эй аламбардори фитрат,**
**Ту баландӣ аз ситоиш,**
**Ту баландӣ аз ниёиш.**

**САРМАД**

# ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ – РАМЗИ БАҚОИ МИЛЛАТ ВА САРВАТИ БЕБАҲОИ ФАРҲАНГӢ



Фуркат ҚУРБОНАЛИЗОДА
н.и.х., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ

Забон асоси ҳастӣ ва бақои миллат буда, ифтихори миллӣ ба Ватану ватандорӣ аз волоияти мақоми забон ва поку бегаранд нигоҳ доштани он оғоз меёбад.

Қобили зикр аст, ки агар Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ омили муҳимтарини баҳамоии миллат бошанд, пас забони тоҷикӣ шиносномаест, ки давлату миллатро ба воситаи он муаррифӣ менамоянд. Ин дастовардҳои бузург ба ҳамдигар пайванди ногусастанӣ дошта, асоси устувори рушди давлату миллат махсуб мегарданд.

Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва ташаббусҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ ба феҳристи забони давлатҳои мустақили ҷаҳон дохил шуд, барои шинохти миллати тоҷик ба сифати як халқи дорои ҳама аломату нишонаҳои миллати таърихӣ заминаҳои сиёсӣ фароҳам омад.

*Бояд қайд намуд, ки забони тоҷикӣ сарчашмаи ифтихори миллат ва пояи давлатдорӣ буда, онро азизу гиромӣ ва поку бегазанд нигоҳ доштан вазифаи ҷонии ҳар як фарди соҳибдил ва бонангу номус мебошад.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари соҳибистиқлол забони тоҷикиро забони ягонаи давлатии худ эълон доштааст. Аз ин рӯ, дар моддаи 2 Конститутсия муқаррар шудааст, ки “забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст”. Бинобар сабаби он ки Тоҷикистон истиқлоли миллии худро ба даст овард ва дар ин марҳилаи муҳимми давлатдорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешин мавқеи худро аз даст доданд, 5-уми октябри соли 2009 Қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатии ҶТ” қабул карда шуд, ки мавқеи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар ҶТ танзим менамояд.




Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.

Воқеан забон бақоми миллат ва нишонаи муҳимтарини давлати соҳибихтиёр аст. Бинобар ин, дар шароити имрӯза, забон яке аз унсурҳои асосии ҳифзи ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ буда, ҳифзу ҳимоя ва нигоҳдории он на танҳо вазифаи давлатӣ, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ аст.

# ОМӮЗГОР – РАВШАНСОЗАНДАИ ИМРӮЗУ ФАРДОИ ИНСОНИЯТ

Омӯзгор шахсиятест, ки дар симои ӯ фардои дурахшони миллат инъикос мегардад. Маҳз, бо талошу заҳматҳои беохири ӯ насли наврас илму дониш омӯхта, ҳамчун фарди солим дар ҷомеа ба воя расида, барои пешрафту инкишофи кишвари азизи худ саҳмгузор мегарданд. Нақши омӯзгор дар ҷомеа басо бузург буда, дар ояндаи дурахшони миллату давлат саҳмгузор аст. Чунки тафаккури солим ва орӣ аз ҳама ақидаҳои экстремистию террористиро маҳз омӯзгор ба шогирдон меомӯзонад. Аз ин лиҳоз, дар ҷомеаҳои мутамаддин мавқеъ ва нақши омӯзгор дар мадди аввал истода, ба ин шахсияти беназир эҳтироми хос мегузоранд.




Ба андешаи банда, рӯз ба рӯз бояд эҳтиром ба омӯзгор дар ҷомеа баланд гардад, зеро маҳз омӯзгор шахсро ба ҷаҳолат ва нодонӣ раҳонида, ташвиқ ба омӯзиши илму дониш мекунад, ғамхори зоҳир менамояд, ки ҷомеа донишманд бошад.

Аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат бармеояд, ки дастгирии омӯзгорон дар мадди аввал гузошта шуда, тамоми талошҳоро ҳукумати кишвар ба анҷом расонида истодааст, ки мавқеи омӯзгор дар ҷамъият баланд гардида, шароити маишии хуб дошта бошад.

Дар ин радиф, ҳар як донишҷӯе, ки дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳсил менамояд, бояд ба устодони худ эҳтиром гузошта, барои баланд бардоштани донишҳои амалию назарии худ аз махзани илмии онҳо истифода намояд.



Ҷобиршо РУЗИЕВ
донишҷӯи соли 1

**ЭҲТИРОМ БА УСТОД, ЭҲТИРОМ БА ПАДАРУ МОДАР АСТ!**

# РОЛЬ УЧИТЕЛЯ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

*Профессия учителя является одной из древнейших на земле. Ещё в первобытное время старшим приходилось учить молодых и делиться с ними своим опытом, но эту профессию не выделяли отдельно. Из-за этой преемственности первобытное общество развивалось.*



Шахноза РАХМОНОВА
студентка 3-го курса

Учитель оставляет после себя невидимый, но важный след. Это можно понять по тому как, большинство уже взрослых людей до сих пор хорошо помнят своих школьных учителей. Люди, которые научили читать, писать, считать не забываются. Истории мало, что известно об учителях известных ученых или поэтов. Но ведь в достижениях великих людей, есть немаловажная часть учительского труда.

Чтобы стать быть достойным учителем, необходимо по-настоящему любить свою работу, а ученикам в свою очередь нужно уважать работу учителя.

Учитель должен быть готов к тому, что на его плечи возложена важная миссия – формирование будущего поколения. Профессия учителя – это не просто работа, это призвание работа может изменить жизнь наших учеников к лучшему, помочь им найти свое место в жизни и стать самостоятельными и успешными людьми.

# TEACHER – THE KEY OF A PERSON'S SPIRITUAL TREASURE

**Benazir RAHIMOVA**
**the 2nd year student**

After our parents, it is the teacher who inculcates good values and wisdom into our lives. Our parents gave us life and it was teacher who taught us how to live it. They play a very important role in every student's life. Teachers have the ability to shape leaders of the future in the best way for society to build positive and inspired future generations. Teacher's Day is a special day to thank and remember the teachers who have shaped us and show our appreciation for them. Teacher's Day is a special day for the appreciation of teachers and may include celebrations to honor them for their special contributions in a particular field area or the community tone in education. Teacher's Day is an international day which annually celebrates on 5 October. It commemorates from 1994 by the recommendation of International Labor Organization and the United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization.

They source of all happiness, the well- being of all families and the growth of all mature students depend on teachers. Teachers take on the extremely difficult task, educate children of humanity in a life full of dreams and needs, learn science, which is not an easy task. The teachers is disturbed by every shortcoming, inadequacy and insignificance of his students. He spares no effort to educate people's children. He tries to raise a students and make him knowledgeable despite many and endless difficults.

From the speech of the Leader of Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon: “In educating the self-conscious generation, the school and the teacher play an important role and they really are the treasures of spiritually of our people”.

**Dear teachers! Your wisdom, dedication and kindness will always lead us on the right path and inspire us to be better human beings. Words can never pay the knowledge you have given us, words can never tell you how acknowledged we students are to have you as teachers. The best teachers teach from the heart, not from the book. Thank you for being a wonderful teachers.**

I congratulate all of teachers of our faculty. I wish you success in your future work.

# ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БА ҶАҲОНИ МУОСИР

*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2000-ум то соли 2022, 22 маротиба бо Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии ҶТ ва дар маҷмӯъ, ба кулли мардуми кишвар оид ба масъалаҳои муҳимми сол ва дурнамои соли минбаъда муроҷиат ва суханронӣ намудаанд.*

Агар ба мазмуни Паёмҳои Пешвои миллат назар афканем, маълум мегардад, ки қариб дар ҳар як суханронии хеш Сарвари давлат ба масъалаи экстремизм ва терроризм таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кирдорҳои мазкурро хатари басо мудҳиш барои инсоният эълон карда, даъват ба амал овардааст, ки пайваста барои решакан намудани падидаҳои манфии ҷамъиятӣ мубориза беамон бурда шавад. Зеро, терроризм ва экстремизм, ки имрӯз ба хатари ҷиддӣ табдил ёфтааст, ҷомеаи ҷаҳониро бештар аз ҳар вақти дигар ба ташвиш овардааст.

Аз ин рӯ, ҳамасола зимни ироаи Паём, хосса дар панҷ соли охир дар мавриди ин падидаҳои номатлуби давр ва мубориза бо онҳо андешаҳояшонро равшану возеҳ иброз медоранду дастурҳои мушаххас медиҳанд. Аз ҷумла, соли 2013 таъкид доштанд, ки бо назардошти ин хатар ва дар соли оянда, яъне соли 2014 хориҷ гардидани нерӯҳои байналмилалии зиддитеррористӣ аз қаламрави Афғонистон барои «баланд бардоштани иктидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи сарҳади давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд». Ҳамчунин, ҳисси масъулиятшиносӣ ва омодабошии доимиро тақозо доштанд.

Соли 2014 зимни ироаи Паём ҷомеаи кишварро аз васеъ паҳн намудани ғояҳои ифротгароёнаву тундравона дар байни ҷавонон аз ҷониби шахсон ва гурӯҳҳои алоҳидаи ҷиноятпеша ҳушдор доданд. Ба ин хотир, дастур доданд, ки барои таъмини амнияти иттилоотӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Дар Паёми соли 2015 аз мунтазам афзудани мушкилоти аср ва таҳдидҳои нав ба тамаддуни башарӣ ёдовар шуданд ва таъкид намуданд: «Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст».

Чунин як таъкид дар сурате буд, ки зуҳуроти фалокатборро ба дин, хосса ба дини мубини ислом вобаста медонистанд ва ба ин васила, мақсадҳои нопоку сиёҳи худро амалӣ менамуданд. Бо пуштибонӣ аз дини мубини ислом, ки он воқеан, зидди ин гуна зуҳурот мебошад, Сарвари давлат баён карданд: «Ман ин масъаларо дар чорабиниҳои сатҳи олӣ, аз ҷумла аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо иброз дошта будам ва имрӯз бори дигар изҳор менамоям, ки номи поки исломро ба зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст».

Дар Паёми соли 2016 ҳушдор доданд, ки хатари терроризм ва экстремизм барои башарият на камтар аз силоҳи ҳастаӣ мебошад. Мубориза ба ин зуҳурот «фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро» тақозо дорад. Воқеан, азбаски ин вабои аср ба амнияти тамоми сайёра ва ҳар сокинаш хавф дорад, зарур аст, ки ба он ҳамаи кишварҳо ва ҳар сокини дунё мубориза барад. Дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат равшану возеҳ огоҳ сохтанд, ки ин зуҳурот чун аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегиранд, аз ҷониби душманони ин дини мубин



Ғоиб БОБОКАЛОНОВ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва тиҷорат

роҳандозӣ мешаванд.

Дар ин Паём, ҳамчунин, барои ислоҳи вазъ пешниҳод намуданд, ки ба таҳкими пойгоҳи ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизм дар санадҳои байналмилалӣ барои кишварҳои ба терроризм мусоидаткунанда муҷозот муқаррар гардад.

Аз Паёми соли 2016 ироанамуда бармеояд, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта афзудааст. Он ба таъкиди Президенти кишвар «ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд».

Дар Паёми соли 2017 Сарвари давлат аз он изҳори нигаронӣ менамоянд, ки қариб ҳар рӯз сокинони гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон қурбони ҷиноятҳои террористӣ мегарданд. Аммо ба ин вазъи ногувор то ба ҳанӯз дар арсаи байналмилалӣ таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист»-ро муайян накарданд. Ва ҳам иброз доштанд: «Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест».

Дар Паёми навин таъкид намуданд, ки «вазъи сайёра дар ду – се соли оянда боз ҳам, мураккаб мешавад».

Ҳамин тавр, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар Паёмашон оқибати бади ин зуҳуроти номатлубро бозгӯ мекунанд. Мақсад аз ин ҳама шинохти дуруст ва муборизаву истодагарӣ ба муқобили ин вабои аср аст. Дар чунин мавриди ва вазъи мураккаби ҷаҳон ҳар шаҳрванд бояд огоҳ бошаду зиракии сиёсиро аз даст надиҳад, то истиқлолият ва миллату давлат пойдор ва пешрафта бошад.

Мухтавои Паёми соли 2018 аз лиҳози сохтор самтҳову масъалаҳои гуногуни сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва соҳаҳои асосии ҳаёти кишварро дар бар мегирад. Боз ба таври ҷузъӣ назар намоем, он масъалаҳои маориф, тандурустӣ, ҷавонон, варзиш, занон, таълиму тарбия, мудофиа, сиёсати хориҷӣ, беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Аммо дар оғози Паём пеш аз баррасии вазъи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, вазъи мавҷудаи байналмилалӣ ба таври мухтасар баён мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2020 иброз медоранд, ки «Паёми имсола ба мақоми олии қонунгузори мамлакат ва мардуми шарифи Тоҷикистон дар шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав-терроризм ва экстремизм, вусъати бесобиқаи бархурди манофеи қудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон вобаста ба ин, боз ҳам печидаву мутаашанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра, инчунин шиддат гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳои олам пешниҳод мегардад».

Терроризм ва экстремизм яке аз проблемаи асосии имрӯза буда, махсусан ҷавононро бо ҳар гуна ваъдаҳои бардурӯғи динию дунявӣ ҷалб намуда, онҳоро ба ҷараёнҳои террористӣ сафарбар менамоянд. Террористҳо гурӯҳҳои хурде буда, ба ҷомеаи имрӯза бо ҳар гуна роҳ зиён мерасонанд. Дар ҳар як соҳаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра мавзуи асосӣ ба пайвастани шаҳрвандон ба гурӯҳҳои тундрав равона шудааст, ки ин яке аз мушкилоти асосии ҷомеаи имрӯзаи мо мебошад.

Дар замони муосир сафи низомиёни ҷангиёни гурӯҳҳои террористӣ аз ҳисоби ҷавонони ноогоҳу бесавод меафзояд ва ба назар мерасад, ки дар тамоми кишварҳо ҳамин гуна наврасони ба доми фиреб афтода кам нестанд ва онҳо бехабар аз мақсаду мароми роҳбаронашон ҷони худро қурбон мекунанд. Ба назар мерасад, ки ноогоҳӣ аз асолати фарҳанги исломӣ ва камсаводӣ ҳамчун муҳимтарин омили гумроҳшавии ин ҷавонон аст.

Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест. Барои он ки дини мубини ислом минбаъд ҳамчун манбаи зӯроварию фишор қаламдод карда нашавад, мо бояд ба ҷаҳолат маърифатро муқобил гузорем ва ба ҷои муқовимати тамаддунҳо гуфтугӯи тамаддунҳоро ба роҳ монем. То замоне, ки инсоният ба ҳамкорӣ ва гуфтугӯи судманд муваффақ нагардад, хатари терроризм ва ифротгароӣ боқӣ мемонад.

Террористону экстремистон, хоинону ватанфурӯшон ҷиҳод алайҳи кӣ эълон мекунанд? Муқобили мусулмонон, муқобили калонсолону кӯдакон, ҳамдиёрону ҳамватанони худ. Шахсони масъули шуъбаю бахшҳои дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, имомхатибони маҳаллаҳо, зиёиён вазифадоранд ба мардум фаҳмонанд, ки аз Худо битарсанд ва ба даъвати душманону хоинон бовар накунанд. Онҳое, ки аз хориҷи кишвар одамонро ба ҷиҳод ташвиқ мекунанд, дар асл хоинони миллат, ватанфурӯшони зархариданд, ки имрӯз аз Сурияву Ироқ фардо дар Амрикову Аврупо баромад мекунанд. Ҳамаи гуфторашон дурӯғ, кирдорашон фисқ ва замирашон пур аз нифоқ аст. Ба хотири пули ночиз ба Тоҷикистони азиз хиёнат карда, меҳоҳанд одамонро ба вартаи ҳалокат афкананд.

Мо бояд ба наврасону ҷавонон фаҳмонем, ки бояд муттаҳид, якдил ва дастаҷамъ бошем, ба иғвои хоинон дода нашавем, тамоми кӯшишро ба харҷ диҳем, то ин ки ватани худро аз дасисаҳои душманон эмин нигаҳ дорем. Ба насли наврас ва ҷавон фаҳмонем, ки ҷиҳоди мо ҳифзу ҳимояи ватан, обод кардани он, хизмати падару модар, тарбияи фарзандон, тарғиби некиву накӯкорист. Мо таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон посбони сулҳу суботи кишвар мебошем.

Вобаста ба ин, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тофикистон аз 1 июни соли 2021, №187 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва «Нақшаи амал оид ба амалисозии стратегияи муқовимат ба экстремизм ва Терроризм дар ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул ва тасдиқ гардид.

Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, ба муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт равона шудааст.













# ЗАБОНИ МИЛЛАТ – ҲАСТИИ МИЛЛАТ

*Ҳамасола 5-уми октябр дар қаламрави кишвари азизамон рӯзи забони давлатӣ ҷашн гирифта мешавад. Қайд намудан ба маврид аст, ки забони давлатии мо тоҷикон таърихи ҳазорсола дорад. Забони тоҷикӣ мероси бузурги ниёгони некноми мо, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ҳамчун риштаи пайванди насл ба насли миллат аз ҳазорсолаҳои дур то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст ва решаҳои умри миллатамонро оби ҳаётбахш додааст.*

Бинобар ин, пос доштани забони давлатӣ, ки ҳамчун рукни муҳимтарини ҳастии миллат, пойдевори асосии давлатдорӣ ва фарҳангу маънавиёти мардуми тоҷик аст, вазифаи муқддаси ҳар як фарди ватандӯст маҳсуб меёбад. Зеро, маҳз ақлу хиради азалии миллати тоҷик боис бар он гардид, ки забони модариашро дар тули ҳазорсолаҳо муҳофизат карда шуда, мақому мартабаи онро дар байни дигар забонҳо нигоҳ дошта, то ба имрӯз мерос гузоштаанд.




Ба шарофати ҳунару истеъдоди азалии фарзандони фарзонаи миллат на танҳо забони тоҷикӣ то замони мо омада расид, балки ба оламиён ҳамчун забони олимону орифон ва нобиғагон шинохта шуд.

Тавре ки Пешвои миллат вобаста ба нақши муҳимми таърихии забони тоҷикӣ иброз медоранд: «Забони модарии мо – забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ, ки донишу маърифати дар тӯли ҳазорсолаҳо андӯхтаи мардумро дар худ нигоҳ доштааст, гӯётарин далели ҳастӣ ва мақоми ҳаётбахши он дар сарнавишти таърихии миллати мо ба ҳисоб меравад».

Пас аз ба даст овардани истиқлоли комили миллӣ забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ таҳти таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои бевоситаи давлат ва Ҳукумати мамлакат, хоссатан Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт.

Махсусан дар ин давра баҳри рушди забони тоҷикӣ дар кишвар як қатор барнома ва ҳуҷҷатҳои соҳавӣ қабул карда шуданд, ки баҳри баланд бардоштани мақому манзалати он дар ҷомеа нақши муҳимми хешро гузошта истодаанд.

Дар ин росто, маврид ба тазаккур аст, ки то имрӯз китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони "Забони миллат – ҳастии миллат" дар ду ҷилд ба нашр расида, пешниҳоди хонандагон гардидааст.

Роҳбари давлат ҳадафи аслии ба нашр расонидани китобро дар сарсухан он чунин баён кардаанд: «Барои ман забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиносномаи миллати азизам, руҳу поки гузаштагонам ва оинаи осори ниёконам мебошад. Аз ин рӯ, ман ба ин забони шевои шоирона сидқан арҷ мегузорам, бо ҳиси баланди ватандӯстӣ аз минбарҳои баланд бо ин забон сухан мегӯям, аз лаҳни шакарину дилнишинаш лаззати маънавӣ мебарам ва ҳастиамро бо ҳастии забон пайванд медонам".

Ҳамин тавр, бояд таъкид намуд, ки қарз ва рисолати инсонии мост, ки забони модариамонро эҳтирому эҳтиёт намуда, мисли гаронбаҳотарин сарвати умрамон ҳамеша гиромӣ дорем.



**Давлатҷон МУМИНОВ**
**донишҷӯи соли 1**